Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар мебошад, ки вазъи ҳуқуқии он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Вазъи ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, тибқи талаботи моддаи 93 Конститутсия “Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд”.

Тибқи моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи: соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Дар ҳақиқат таъинот, мавқеъ ва вазифаҳои мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қонунгузории дигар муқаррар гардидааст, нақши онро ҳамчун мақоми назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ назаррас мегардонад.

Яке аз падидаҳое, ки ба самаранокии фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ мерасонад, ин падидаи хизмати давлатӣ мебошад. Хизмати давлатӣ новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ягона мебошад, вале бо назардошти функсия, махсусияти шарту талаботи қабул ва адои хизмати давлатӣ хизмати давлатӣ дар мақомоти алоҳидаи давлатӣ метавонад фарқ намояд. Дар мақомоти прокуратура низ ду навъи хизмати давлатиро аслан ҷудо намудан мумкин аст: якум, хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва дуюм, хизмати давлатии ҳарбӣ. Танзими ҳуқуқи ин навъҳои хизмати давлатӣ гарчанде тибқи қонунгузории соҳавии хизмати давлатӣ ва қонунгузории соҳавии мақомоти мазкур сурат гирад ҳам, вале баъзе ҷанбаҳои онҳо аз якдигар фарқ мекунад. Бинобар ин, таҳқиқ намудани хусусиятҳои ташкилӣ, тартиби қабул, адои хизмати давлатӣ ва муайян намудани проблемаҳое, ки барои самаранокии ташкил ва адои хизмати давлатӣ монеа мегарданд, инчунин коркард намудани таклифҳо ва пешниҳодҳо барои рушди қонунгузории соҳа, таклими механизмҳои ташкилии қабул адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони имрӯза ҳам аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Раҷабзода М.С., ки ба таҳқиқи масъалаи танзими ҳуқуқии маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мутобиқат пурра менамояд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия баён гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия – **“Таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ”** муаллиф таърихи пайдоиш ва ташаккули мақомоти прокуратураро дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Муаллиф, ба мақомоти прокуратураи замони Шуравиро ба таври амиқ таҳлил намуда, иброз намудааст, ки ба таърихи ташаккулёбии Прокуратураи Тоҷикистон дар давраи шуравӣ назар кунем, баъди ташкили Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд ҶМШС) зарурияти таъсиси мақомоти он ба миён омад ва 14 декабри соли 1924 Кумитаи инқилобии (минбаъд КИ) ҶМШС “Дар бораи таъсиси комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон” қарор қабул карда буд. Прокуратураи давлатӣ дар шакли шуъбаи мустақили Комиссариати халқии адлия (КХА) дар ҳайати мудир (муовини раиси КХА), ёрдамчии мудир, муфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳим, нозир ва коргузорӣ таъсис дода шуда, фаъолияти хизматӣ дар он тавассути қонунгузории шуравӣ ба танзим даровarда мешуд ва Раиси КХА ҶМШС Тоҷикистон дар як вакт Прокурори ҷумҳурӣ ҳисоб мешуд (саҳ. 28). Диссертант собит намудааст, ки дар замони Шуравӣ алоқамандии мақомоти прокуратура бо мақомоти судӣ ба таври зич қарор дошта, мутобиқи ақидаи баъзе аз олимон мақомоти прокуратура қисмати таркибии ҳокимияти судӣ ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ин диссертант менависад, ки баъди таъсиси ИҶШС моҳи ноябри соли 1923 дар асоси Низомнома “Дар бораи Суди олии ИҶШС”, ки бо қарори Раёсати КИМ ИҶШС аз 23 ноябри соли 1923 тасдиқ шудааст, мансаби Прокурори Суди олии ИҶШС таъсис дода шуда буд. Тибқи ин санад Прокурори Суди олии ИҶШС, муовин ва 2 ёрдамчӣ дошт. Прокурори Суди олии ИҶШС ва муовини ӯро Раёсати КИМ ИҶШС тибқи м. 46 Конститутсияи ИҶШС ба вазифа таъин мекард. Ёрдамчиёни Прокурори Суди олии ИҶШС бо пешниҳоди Прокурори Суди олии ИҶШС аз ҷониби Раёсати КИМ ИҶШС тасдиқ карда мешуд... (саҳ. 30). Аз таҳлилҳои диссертант хулоса кардан мумкин аст, ки ба вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура нигоҳ накарда, ваколатҳои гуногуни назоратӣ, ки тавассути онҳо қонуният мебоист таъмин карда шавад, ба ғайр аз мақомоти прокуратура аз ҷониби сохторҳои гуногун амалӣ карда мешуданд. Тавре диссертант қайд менамояд, Раёсати КИМ Шурои ҶШС Ӯзбекистон 23 марти соли 1925 қарор “Дар бораи тасдиқи шуъбаи Суди олии ҶШС Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон”-ро қабул намуда, бо он Низомнома дар бораи ин шуъбаро низ тасдиқ кард. Бо ин қарор вазифаи прокурори шуъбаи Тоҷикистонии Суди олии ҶШС

Ӯзбекистон низ таъсис дода шуд. Пас аз ин дар ҶМШС Тоҷикистон ду мақоми муташаккиле амал мекард, ки дар низоми назорати прокурорӣ ба ҳам алоқаманд набуданд. Августи соли 1925 аз ташкилоти судҳои халқӣ ва қитъаҳои суди аврупоӣ камераи ёрдамчиёни прокурор таъсис дода шудааст. Новобаста аз ташкили мақомҳои гуногуни пешбарандаи назорати прокурорӣ ҳамаи онҳо дар асоси принсипҳои дар Низомномаҳо "Дар бораи назорати прокурорӣ", "Дар бораи Суди олии ИҶШС" ва " Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ" дарҷгардида, амал мекарданд (саҳ. 32).

Ҳамин тариқ, зербоби мазкур фарогири ташаккули мақомоти прокуратура дар давраҳои гуногун буда, тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда, муаллиф чор давраи ташаккули ин ниҳодро ҷудо намуда, дар заминаи онҳо ба таври пурра рушд ва таҳаввули мақомоти прокуратура, тартиби таъин ва озод гардидани кормандон, чораҳои ҳавасмандгардонии ҳайати кормандон дар давраҳои рушди он ва ғайра мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия – **"Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ оид ба мафҳуми ин навъи хизмати давлатӣ посухи илман асоснок додааст. Муаллиф аз сарчашмаҳои таърихии давлатдории тоҷикон ёдовар гардида, аҳаммият ва рисолати хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатиро дар пешбурди фаъолияти давлатӣ ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ баён намудааст (саҳ. 59). Вобаста ба ин, диссертант ишора намудааст, ки зарурати созмондиҳии хизмати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии он бо мавҷудияти давлат ва функсияву вазифаҳои он, инчунин бо мавҷудияти талабот ба ташкили иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ асос меёбад. Таҳия ва коркарди консепсияи хизмати давлатӣ истифодаи самаранок ва фаъолонаи «муносибати низомнок»-ро талаб менамояд ва имконият медиҳад, ки хусусиятҳои аниқи чунин категорияҳо ҳамчун сохтор, сатҳ ва намудҳо кушода шаванд (саҳ. 59).

Диссертант барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда – муайян намудани мафҳуми фарогир ва комили хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон нуктаҳои назари олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар манбаҳои таърихӣ-ҳуқуқиро истифода намуда, мафҳуми муаллифии ин навъи хизмати давлатиро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки воқеан дастоварди нодири илмӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи ақидаи муаллиф, "Хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти касбӣ,

ҳифзи ҳуқуқӣ ва муздноки (музди меҳнат) хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти мазкур дар амалӣ намудани салоҳияти он оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ буда, бо пешбурди назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад" (саҳ. 82).

Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия **"Принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дошта, дар он диссертант таҳлили принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ин навъи хизмати давлатиро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонидааст. Муаллиф дар зербоби мазкур бо истифода аз адабиёти мухатассисони варзидаи соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ мафҳум, намудҳо ва аҳаммиятнокии принсипҳои хизмати давлатиро мавриди таҳлил қарор дода (саҳ.84-89), қайд менамояд, ки принсипҳо ғояҳои умумии роҳбарикунанда мебошанд ва дигар муқаррарот аз онҳо бармеоянд (саҳ. 89). Муаллиф, принсипҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро ба ду гурӯҳ – принсипҳои конститутсионӣ (умумӣ) ва ташкилӣ (махсус) ҷудо намуда, қайд мекунад, ки принсипҳои махсуси ҳуқуқии хизмат дар мақомоти прокуратура дар қонуни соҳавии мақомоти прокуратура пешбинӣ гардидаанд (саҳ. 94). Мувофиқан, муаллиф муҳимтарин принсипҳои конститутсионӣ ва ташкилии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намуда, аҳаммияти онҳоро дар раванди хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои илмӣ-ҳуқуқӣ додааст (саҳ. 94-106). Андешаҳо ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар ин самт аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ доранд.

Боби дуюми диссертатсия **"Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дошта, чор зербобро дар бар мегирад. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **"Асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дошта, **дар он муаллиф ба танзими ҳуқуқии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти мазкур, аз ҷумла, муқаррароти** Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ин самт диққат дода, оид ба камбудиҳои ҷойдошта дар қонунгузорӣ ва такмили минбаъдаи онҳо андешаронӣ намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошанд (саҳ. 111-112). Диссертант сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ аз қабили софдилӣ, ҳушёрӣ, бодиққатӣ, беғаразӣ, садоқатмандӣ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, ташаббускорӣ, лаёқатмандӣ, кордонии кормандони мақомоти Прокуратураро омили асосии пешрафт ва сифатнокии кори мақомоти ҳисобида, иброз менамояд, ки омӯзиш ва таҳлили

қонунгузории миллӣ собит намуд, ки рӯйхати бонизоми сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқии кормандони прокурорӣ дар онҳо муқаррар карда нашудааст (саҳ. 114). Барои прокурорҳо – қайд менамояд диссертант – роҳбарони дахлдори мақомоти прокуратура, зерсохторҳои онҳо, инчунин муфаттишон – сардорони гурӯҳҳои (бригадаҳои) тафтишотӣ дар баробари хислатҳои ахлоқӣ ва касбии зикршуда, боз маҳорати роҳбарӣ ба ҳайати кормандон аҳаммияти калон дорад, аз ҷумла, ташкилотчигӣ, кордонӣ, ташаббускорӣ, қобилияти дастур додан, назорати иҷрои он аз тарафи тобеон, ҳамарӯза дар ҷои кор таълим додан ва қобилияти ба ташаккулу нигоҳ доштани фазои солими равонии ҳайати кормандон таъсир расондан зарур аст. Аз ин рӯ, ҷоннок намудани ин тадбирҳо мувофиқи мақсад мебошад (саҳ. 116). Ҳамзамон муаллиф оид ба синну соли ишғоли мансабҳои дахлдори мақомоти Прокуратура, тартиби қабул намудан ба хизмат, аттестатсияи кормандони прокурорӣ дар мақомот, собиқаи корӣ ақидадаронӣ ва таклифҳо пешниҳод намудааст. Масъалаи тартиби қабул ба хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураро тариқи озмун ҷонибдорӣ намуда, диссертант менависад, ки "озмун технологияи кадрии ниҳоят муҳимми хизмати давлатӣ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки аз ҷониби комиссияи озмун пас аз баҳодиҳии бодиққат аз рӯйи ҳуҷҷатҳо, натиҷаи санҷиш ва дигар шартҳо, аз зумраи шахсони иштирокчӣ, номзади арзанда интихоб гардад" (саҳ 123).

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **"Хусусиятҳои аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти прокуратура – ҳамчун хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** номгузорӣ гардидааст. Муаллиф, муҳиммия ва аҳаммиятнокии аттестатсияи хизматчиёни давлатии мақомоти Прокуратураро чунин арзёбӣ менамояд, ки "дар замони муосир сиёсати давлатӣ оид ба омодасозии кадрҳо ба тайёр кардан, такмили ихтисос ва баҳодиҳӣ ба кори кадрҳо талаботи ҷиддӣ мегузорад. Аз ин рӯ, мубрамияти масъалаи муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои ухдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ ва сифатҳои ахлоқӣ, яъне аттестатсия мунтазам меафзояд. Зеро самаранокӣ ва ба таври дахлдор иҷро гардидани вазифаҳои мақомоти прокуратура бе баҳодиҳии воқеӣ ба натиҷаҳои корӣ, донишу маърифат ва сифатҳои касбию ахлоқии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон мегардад" (саҳ. 145). Ақидаи муаллиф шоистаи дастгирист, зеро татбиқи амалии таълимот оид ба давлати ҳуқуқбунёд бидуни интихоби кадрҳои роҳбарикунандаи босалоҳият, муайян намудани мувофиқати кормандони сохторҳои давлатӣ ба мансабҳои ишғолнамуда ва дарёфти кадрҳои болаёқат номумкин аст. Дар раванди таҳқиқи масъалаи мазкур

диссертант оид ба мафҳумҳои механизми аттестатсия, субъекти аттестатсия, объекти аттетстатсияи равшанӣ андохтааст (саҳ. 154-157), ки аҳаммияти муҳимми назариявӣ доранд. Ҳамзамон, диссертант оид ба норасоиҳои санадҳои меъёрии танзимкунандаи аттестатсияи кормандони прокурорӣ ибрози назар намуда, барои такмили минбаъдаи онҳо таклифҳои илман асоснок пешниҳод намудааст (саҳ. 157-159).

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ба **"Таъминоти моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** бахшида шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки таъминоти моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ маънои таҳти ғамхории давлат қарор доштани хизматчии давлатиро дошта, сатҳи ҳимояи ҳар як хизматчии давлатӣ аз мансаби ишғолкарда, мақоми давлатӣ, ки дар он адои хизмат менамояд, доираи ваколатҳо, мураккабии уҳдадориҳои мансабӣ, реҷаи корӣ ва аҳаммияти давлтию ҷамъиятии кори ӯ вобаста аст (саҳ. 175). Диссертант қайд менамояд, ки яке аз унсурҳои ҳимояи давлатии хизматчиёни давлатиро ҳифзи иҷтимоии онҳо ташкил медиҳад. Ба андешаи диссертант ҳифзи иҷтимоӣ, ки ҷузъҳои асосии он дар м.м. 1, 35 ва 39 Конститутсияи ҶТ ифода ёфтаанд, ки ҷузъҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Унсурҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ дар Конститутсияи ҶТ чунин дарҷ шудаанд, ки Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад ва ҳар шахс ҳангоми беморӣ, бекорӣ, маъюбӣ, дар пиронсолӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад, ифода ёфта, ҷузъи муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат мебошад (саҳ. 176). Вобаста ба намудҳои алоҳидаи таъминоти моддӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии мақомоти Прокуратура диссертант аз муқарроти Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ёдовар гардида, иброз менамояд, ки Қонуни мазкур вобаста ба танзими баъзе ҳолатҳо ниёз ба такмил дорад. Аз ҷумла, яке аз унсурҳои таъминоти моддӣ-иҷтимоии кормандони прокурорӣ ин рухсатии иҷтимоӣ мебошад, ки тибқи Кодекси меҳнати ҶТ таъин карда мешавад. Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳатто ба мафҳуми умумии рухсатӣ ва дигар ҳолатҳо вобаста ба рухсатии меҳнатӣ чизеро муайян намекунад ва надодани чунин рухсатӣ ба прокуроре, ки ба нигоҳубини аъзои оилаи вазнин ниёз дорад (агар аъзои дигари оила барои нигоҳубини ӯ қобилият надошта бошад) метавонад боиси оқибатҳои манфӣ гардад. Бинобар ин, диссертант пешниҳод менамояд, ки номгӯи сабабҳои узрноке, ки дар натиҷаи онҳо рухсатии бемузд дода мешаванд, тартиб дода, давомияти рухсатӣ барои ҳар яки онҳо мушаххас

карда шавад (саҳ. 181-182). Маврид ба зикри хос аст, ки диссертант яке аз масъалаҳои муҳимро дар ин самт – таъмини кормандони прокурориро бо манзили истиқоматӣ мавриди таҳлил қарор дода, иброз намудааст, ки бо манзил таъмин кардани кормандони прокурорӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳанӯз ҳам ба таври мусбат ҳал нагардидааст. Мутобиқи Кодекси манзили ҶТ, таъмини афзалиятноки манзил ба кормандони прокурорӣ пешбинӣ нашудааст (саҳ. 185). Тартиби қонунии бо манзилҳои истиқоматӣ таъмин шудани кормандони мақомоти прокуратура ҳанӯз пурра муқаррар карда нашудааст. Дар робита ба ин, ба ақидаи диссертант ин масъала роҳи ҳалли амиқро металабад ва вобаста ба танзими он дар диссертатсия як қатор таклифҳоро муаллиф манзур намудааст (саҳ. 186).

Зербоби чоруми боби дуюми диссертатсия ба **“Асосҳои ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шудааст. Ҳавасмандгардонӣ дар радифи дигар воситаҳои ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, воситаи муҳимми тарбияи хизматчиёни давлатӣ ва мустаҳкам намудани интизоми хизматӣ мебошад – қайд намудааст диссертант (саҳ. 192). Муаллиф мафҳум, моҳият ва аҳаммияти ҳавасмандгардониро таҳлил намуда, таснифоти онро пешкаш намудааст, ки қобили дастгирист. Диссертант аз муқаррароти Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба ҳавасмандгардонии кормандони прокурорӣ ишора намуда, бо таҳлил намудани қонунгузорӣ ва ҳолати воқеӣ пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани таъсири чораҳои ҳавасмандгардонӣ номгӯи чораҳои ҳавасмандгардонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон, ки характери пулӣ доранд бештар карда шавад (саҳ. 198).

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф як катор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузоштагшуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. собит месозад, ки нахустин таҳқиқоти мукаммал ва алоҳидаи диссертатсионӣ мебошад, ки танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи баррасишавандаро дар бар гирифта, аҳаммияти он барои илми ҳуқуқи маъмурӣ ва такмили падидаи хизмати давлатӣ дар

мақомоти мазкур, ҳамзамон такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Диссертант вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо тавассути нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда диссертант аз адабиёти илмӣ, қонунгузории ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон аз сарчашмаҳои таърихӣ истифода намудааст, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил дода, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат намудаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида фарогирӣ паҳлуҳои назарӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда буда, вазифа ва мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дуранамо ва самтҳои такмили танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти мазкур асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад, зеро масъалаҳои дар он баррасигардида ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодгардида барои такмили қонунгузорӣ ва рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ метавонанд мусоидат намоянд. Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои пажуҳишгарон ва муҳаққиқони соҳа баромад намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар ин мақомот дар илми ҳуқуқи маъмурӣ дақиқ омӯхта шуда, дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва таълими он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ метавон ба роҳ монд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 8 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар нашр гардидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Раҷабзода М.С. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф, муқаррароти моддаи 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро оиди хизмати ҳарбии ҳатмии мӯҳлатнокро адо намудани довталабон ба мансабҳои муфаттиш ва ёрдамчии прокурор таҳлил намуда, қайд мекунад, ки бо муқаррар намудани чунин талабот, яъне адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок барои мардон ва истисно намудани занон аз он, агарчи чунин хизмат барои занон тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" пешбинӣ нашуда бошад, ҳам хилофи талаботи қ. 2 м. 27 Конститутсияи ҶТ (Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд) ва м. 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ", ки тибқи он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд, мебошад. Зеро дар меъёрҳои зикршуда баробарии шаҳрвандонро новобаста аз ҷинс низ қатъиян қайд менамояд. Бинобар ин, зарур дониста мешавад, ки ин талабот аз Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" хориҷ карда шавад ё ин талабот, яъне адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок барои довталабони ҷинси зан, ки аз он тариқи ихтиёрӣ гузаштаанд, илова карда шавад (саҳ. 114).

Ба назари мо, дар моддаи 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" посух ба ин масъала дода шудааст ва тибқи тағйироти ба моддаи мазкур воридгардида, дар муқаррароти он ибораи "(ба истиснои занон, инчунин мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро

дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд)" илова шудааст. Вобаста ба ин мехостам назари диссертантро шунида бошам.

2. Диссертант дар зербоби ду боби дуюм вобаста ба хусусиятҳои аттестатсияи кормандони прокурорӣ таҳлилҳо гузаронида, мавзуи мазкурро ба пуррагӣ ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам амалӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Аз ҷумла, диссертант қайд менамояд, ки омӯзиш ва таҳлил собит намуд, ки хулосаи тартибдиҳандаи аттестатсия тибқи талаботи сархати 3 банди 16 Низомнома "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" нопурра буда, он бояд бо назардошти талаботи банди 25 ҳамин низомнома мукаммал гардонида шавад. Зеро тибқи банди 25 Низомнома комиссияи аттестатсионӣ се қарорро аз қабили дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш муносиб будани корманд, муносиб будан бо тавсияҳо (шаш номгӯ: оид ба ҳавасмандгардонӣ, пеш аз муҳлат ва ғайринавбатӣ сарфароз намудан бо рутбаи дараҷавӣ (рутбаи ҳарбӣ) ва ғайра) ва номуносиб будан бо тавсияҳо (шаш номгӯ: аз вазифа ишғолнамуда озод намудан, ба вазифаи пасттар гузаронидан ва ғайра), ки бо дуи баъди бо иловаи яккатор тавсияҳо қарор қабул мекунад. Вобаста ба ҳамин мавқеи диссертантро шунидан мехостем, ки дақиқтар нуктаи назари худро шарҳ диҳад.

3. Мехостам аз диссертант пурсида бошам, ки дар ҳоле ки аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани масъулияти онҳо ва муайян намудани мутобиқати онҳо ба мансаби инғолнамудаашон баромад кунад, пас зарурат ба гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар чист? Оё ҳама сола гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ ба ноустувории кадрӣ дар мақомоти давлатӣ оварда намерасонад?

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баъзан баҳснок буда, муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раҷабзода М.С. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Раҷабзода М.С. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мушовири Директори генералӣ-**
**сардори шуъбаи аудити дохилии**
**ҶСК "НБО Роғун",**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **С.А.Қиёмидинов**

**Имзои Қиёмидинов Саидхоҷа Амриддиновичро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳои ҶСК "НБО Роғун"** **С.А.Абдулаҳадзода**

735417, ш. Роғун, к. Сохтмончиён–40 тел: 8-(3134) 21-8-56
факс: 8-(3134) 21-4-35 , E-mail:info@rogunges.tj